# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Мазмун ва мундариҷаи тарбияи ватанпарастӣ ҳамчун унсури таркибии тарбияи миллӣ дар ҳуҷҷати муҳими давлатии кишварамон "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" инъикос ёфта, аҳамияти татбиқи он дар ташаккули тафаккури ватанпарастии шаҳрвандон, садоқат ба Ватан, ифтихори миллӣ, эҳтиром ба муқаддасот, рамз ва ёдгориҳои табииву таърихии кишвар, тайёр будан барои адои қарзи шаҳрвандӣ, ҳифзи табиати диёр, марзу буми кишвар ва ухдадориҳои конститутсиониро инъикос менамояд. Дар Консепсияи мазкур таъкид меравад, ки ҷамъият ҳамон вақт қодир аст вазифаҳои фарохи миллиро ҳаллу фасл намояд, агар системаи умумии арзишҳои ба эҳтироми гузаштагон, маданияту фарҳанг, саҳифаҳои таърих, табиати кишвар ва неъматҳои он нигаронидашуда бартарӣ дошта бошад. Консепсияи миллии тарбия дар қатори вазифаҳои асосии системаи таҳсилот тарбияи ватандӯстону ватанпарварони кишвар, шаҳрвандони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои шахсро пеш мегузорад, муайян менамояд. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи « Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи

диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, баррасӣ шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия «Арзишҳои ватандӯстӣ, ҷанбаҳои назариявии масъалаи ташаккули майли донишҷӯён ба ватан» масъалаҳои арзишҳои ватандӯстӣ ҳамчун падидаи илмӣ-педагогӣ ва роҳҳои афзалиятноки тарбияи донишҷӯён дар ин самт; омилҳои ташаккули майли донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ, нақши табиат ва боигариҳои моддию маънавии миллӣ дар ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми рисола "Таҷрибаомӯзии таълимӣ ҳамчун воситаи самараноки ташаккули майли донишҷӯён ба ватан" масъалаҳои Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – ҷузъи муҳими раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ дар ташаккули майлу рағбат ва эҳтиром ба арзишҳои ватандӯстӣ; таснифи модели сохторӣ – вазифавии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар боби сеюми рисола, ки "Фаъолияти озмоишӣ ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ" номгузорӣ шудааст, масъалаҳои муҳтаво ва методҳои корҳои озмоишӣ ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ (дар мисоли МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"); таҷрибаи татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои

таълимӣ ва динамикаи рушди арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ҳаллу фасл гардидаанд.

Боиси тазаккур аст, ки корҳои озмоишӣ-тачрибавӣ дар МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" гузаронида шудааст ва натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрогардида ба тавзеаи муносибатҳо ба ҳалли масъалаҳои рушди арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ имкон медиҳанд ва метавон пойгоҳи таҳқиқоти минбаъдаи асосҳои назариявии раванди ба тарбияи ватандӯстии хонандагон омода намудани донишҷӯён гарданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф оид ба муайянсозӣ, асосноккунӣ ва истифодаи усулҳои мутаносиби рушди арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ пурра иҷро гардида, натиҷаҳои зарурӣ ба даст оварда шудаанд.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Қайд кардан ҷоиз аст,ки яке аз ҷиҳатҳои хуби диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар он мебошад, ки мушоҳида ва таҳлили сарчашмаю манбаъҳои асарҳои олимони ин соҳа ба муаллиф имконият додаанд, ки низоми таҷрибаомӯзии таълимиро муайян ва дар бахшҳои зерин: тархрезӣ (конструктивӣ), идоракунӣ, ташкилӣ, маърифатӣ, амалӣ гурӯҳбандӣ намояд.

Дар маҷмуъ ба диссертант Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна муяссар гардидааст, ки ба объекти пажӯҳиш такья намуда, вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ роҳандозӣ кунад. Таҳқиқоти ба охиррасида дорои

аҳамиятҳои назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар фаъолиятҳои илмиву таълимӣ бе ягон мамоният дар муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ истифода намудан имконпазир аст.

Дастовардҳои илмии таҳқиқот дар омӯзиш ва рушди арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ҳамчун манбаи зарурӣ ба ҳисоб рафта, хулосаву натиҷаҳои соҳибшудаи диссертантро дар омӯзиши масъалаҳои мубрами ин равия ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дастгоҳи илмии рисола хуб таҳия гардидааст ва ҳамаи қисматҳоро дарбар мегирад. Танҳо дар дастгоҳи илмии рисола ва мундариҷаи он ибораи таҷрибаомӯзии таълимӣ истифода бурда шавад.
2. Бахши Сарчашмаҳои таҳқиқот дар дастгоҳи илмии рисола ба таври нофаҳмо таҳия шудааст. Он бояд қонунҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, консепсияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва дастурӣ, ки ба муаммои тадқиқот вобастааст бояд дарбар гирад.
3. Дар ҳолати дар диссертатсия маълумотҳо ва диаграммаи натиҷаи таҳқиқотҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ барои муқоиса бо тартиби муайян ва паи ҳам нишон дода мешуданд, қимати рисола боз ҳам баландтар мегардид;
4. Мувофиқи мақсад мешуд, ки пойгоҳи озмоишии рисола васеътар карда шуда, дар пойгоҳи озмоишӣ ба ғайр аз ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров боз дигар донишгоҳҳо дарбар гирифта шаванд.

5. Дар рисола баъзе хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳо баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

**ХУЛОСА**

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи ««Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”- и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30 июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, он ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия дода мешавад.

**Муқарриз:**
Директори Институти илмӣ-таҳқиқотии
илмҳои педагогӣ, доктори илмҳои
педагогӣ, профессор Ш.А. Шаропов

**Имзои** Ш.А.Шароповро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ МДТ "ДДХ ба номи
академик Б.Ғафуров" Э.М. Наврӯзов

*Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.*
*Тел: +(992) 92900420202*
*E-mail: rayosati_kadr@mail.ru*